# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ёров Акмал Боронович дар мавзуи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст

Диссертатсияи Ёров Акмал Боронович яке аз мавзуоти муҳими имрӯзаро баррасӣ намуда, вобаста ба истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон, таҳқиқот гузаронидааст. Мавзуи таҳқиқоти муҳаққиқ ба яке аз масъалаҳои лозимии ин раванд – истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон бахшида шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол бо истифода аз технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ ба фазои ҷаҳонишавӣ ворид шуда истодааст ва дар фаъолияти соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи илм ва маориф тағйиротҳои куллиро ба вуҷуд овардааст. Тағйиротҳо дар иҷроиши талаботҳо низ дар назар аст, бояд мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ ва волидон ба он омода бошанд, ки ҳангоми ба мактаб даромадан аз кӯдак оддитарин маҳорату малакаи истифода бурда тавонистани воситаҳои техникаи компютерӣ талаб карда мешавад. Мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ Ёров А.Б бо мақсаде таҳия шудааст, ки кӯдакро барои ҳамкории оянда бо технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ таълим дар мактаб пешакӣ омода

намоянд ва бо ин восита донишомӯзии онҳоро дар ин самт маромнок созанд.

Ба муҳимият ва зарурияти ворид намудани ТИИ ба фаъолияти таълиму тарбиявӣ, идоракунии муассисаҳои таҳсилотӣ, мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати донишҳои умумитехникии кормандон аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, мақомотҳои идоракунӣ диққати махсус дода мешавад, ки аз он қабул кардани як қатор санадҳои муҳими давлатӣ далели равшани он шуда метавонад. Аз ин лиҳоз муҳаққиқ кӯшиш намудааст иттилоотикунонии соҳаи таҳсилоти томактабиро дар якҷоягӣ ба пешрафти соҳа мавриди омӯзишу баррасӣ қарор диҳад.

Кори диссертатсионӣ «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)», аз муқаддима, ду боб, хулоса, натиҷаҳо, тавсияҳо, руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» номгузорӣ шуда, асосҳои назариявии истифода гардидани воситаҳои техникаи компютериро дар умум ва роҳу воситаҳои тадбиқи онҳоро дар муассисаҳои томактабӣ нишон медиҳад. Таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ, ҳамчун зинаи аввали таҳсилот барои рушду тақвияти заминаи моддӣ ва техникии муассисаҳои томактабӣ ва тавассути воситаҳои шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ (таҷҳизоти техникӣ) рангин сохтани раванди кори таълиму тарбиявӣ замима мегузорад.

Дар боби дуюми рисолаи таҳқиқотӣ, ки «Амалияи тадбиқи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ» ном гирифтааст, роҳу

воситаҳои истифодабарии технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва дар ин раванд мустаҳкам намудани донишу маҳорати амалии мураббиён, қобилиятҳои кӯдакон ва сатҳи бехатарии муассисаҳои томактабӣ имконпазир мегардад. Барои пойдор ва бардавом истифода кардани техникаи муосир таҳия намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ ва воситаҳои техникаи бехатарӣ муҳим мебошанд.

Аз ҷониби муҳаққиқ заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномавӣ-методии ворид намудани ТИИ ба раванди фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳқиқотҳои олимон, арзишмандии намудҳои ТИИ дар кори таълиму тарбиявӣ бо кӯдакон ва роҳу усулҳои аз тарафи мураббияҳо истифодабарии онҳо дар ҳамкорӣ бо волидон, инчунин нақши донишҳои касбӣ-техникии мураббияҳо дар истифодаи самарабахшии технологияҳои инноватсионӣ дар сатҳи фарҳангӣ педагогӣ-иттилоотии онҳо таҳқиқ карда шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки маводҳои дар кори таҳқиқотӣ гирдовардашуда хеле ҷолиб мебошанд, мазмун ва муҳтавои он ба мавзуи интихобкардаи муҳаққиқ мувофиқ аст. Дар баробари дастовардҳои дар автореферат зикргардида мо хостем таваҷҷуҳи диссертантро ба баъзе масъалаҳо ҷалб созем:

1. Дар матни автореферат ахёнан мазмуни ҷумлаҳо ва фикррониҳо мустаҳкамсозии ақидаро талаб мекунад, инчунин аз хатогиҳои техникӣ орӣ нест;
2. Хуб мегардид агар барои мураббиён, волидон ва кӯдакон аз ҷониби масъулини соҳа қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар шакли дастури таълимӣ таҳия мегардид.

Қайд кардан бамаврид аст, пешниҳоди зикргардида ба ҷиҳатҳои илмии кори таҳқиқотӣ таъсир надошта, хусусияти тавсиявӣ дорад.

Автореферати диссертатсия ҷавобгӯй ба талаботҳо ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ буда муаллифи он Ёров Акмал Боронович сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06-Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01-Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад. Аз ин рӯ, кори таҳқиқотии муҳаққиқ барои дифоъ намудан ва соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ гардидан тавсия карда мешавад.

Муқарриз:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
муовини якуми ректор оид ба таълими
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Д.Ҷ

*Имзои Д.Ҷ. Сафарзода -ро тасдиқ менамоям.*
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.